## *Ман орзу дорам, ки зиндагиамро аз нав оғоз намоям*

Шарипов Талабшои 41 сола дар зиндагӣ ба бисёр душвориҳо дучор шуд. Азбаски дар оила фарзанди калонӣ ба ҳисоб мерафт аз 15 солагӣ ба кор машғул шуд, то ки оилаи худро бихӯронад. Дар 20 солагӣ ба мардикорӣ ба ш. Санк-Петербург рафта, дар давоми 2 сол бо ҳар гуна кор машғул мешавад. Ҳамон вақт ӯ ба гурӯҳе, ки бо дуздӣ машғул буданд, ҳамроҳ шуд ва маводи анашаро якумин маротиба истеъмол кард. Баъди як сол ӯро депортатсия карданд ва дар Тоҷикистон ӯ истифодаи маводҳои нашъаро давом дода, баътар героинро ба тарзи тазриқӣ истифода бурд. Барои дарёфт намудани мавод ба дуздӣ даст мезад. Рӯз аз рӯз зиндагӣ бадтар шуда, дар байни нозирони минтақавии ВКД ва оила мушкилотҳои зиёде пайдо шуданд. Мушкилотҳо оиди ваъзи саломатӣ низ пайдо шуданд. Дар раги вариди қадкашак, ки ба он ҷо бисёр сӯзан мезад, зардоб пайдо шуд ва ӯ дигар роҳ гашта наметавонист. Дарди сӯзиши буғумҳо оиди вобастагӣ ба мавод сар шуданд.



«Ман орзу дорам, ки зиндагиамро аз нав оғоз намоям»

Дар сурат: Мизоҷи барнома Талабшо, ки дар зиндагӣ ба бисёр душвориҳо дучор шудааст…

*«Модари бечораам аз азоби ман бардош накарда ба ҷӯстуҷуи героин баромад. Аз нашъамандони тазриқӣ хоҳиш мекард, ки сӯзандору ва филтрҳоро барои ман диҳанд»* - сухани худро давом дод Талабшо.

Дар он ҷо модарам нохост шиносамро вомехӯрад, ки бо ӯ ман маводи мухадир истифода мебурдам. Шиносам ба модарам дар бораи ташкилоте, ки ба нашъамандон кӯмак мерасонад ва дар бораи барномаи табобати ҷойивазкунандаи ёрирасон (ТҶЁ) нақл мекунад.

*«Худи ҳамон рӯз модарам ба ташкилот рафта, дар бораи ҳамаи хизматрасониҳои ташкилоти СФШҒ-Тоҷикистон оиди мизоҷон бохабар шуда, аз ман нопурсида, маро дар мошин савор карда, маҷбуран ба ташкилот овард. Дар ташкилот манро бо як меҳри калон пешвоз гирифтанд, дар вохӯри бо духтур дар бораи хизматрасониҳо оиди беҳтар намудани мушкилотҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии нашъамандон бохабар шудам. Якумин бор дар ҳайётам бо одамони хубу мефаҳмидагӣ вохӯрдам. Ман ҳиссиёт пайдо кардам, ки дар бораи саломатии ман ташвиш кашида истодаанд ва худи ҳамон рӯз корманди иҷтимоӣ Шодӣ маро барои супоридани ташхисҳо оиди қабули ТҶЁ сафарбарӣ намуд. Дар раванди супоридани ташхисҳо маълум шуд, ки ман гирифтори гепатити С ва бемории сил ҳастам»* -давом дод саргузашташро Талабшо. Дар ташрифҳои ояндааш ба ташкилот Талабшо гирифтани машваратҳои духтурро давом дод.



Раванди машварат

Дар сурат: Норкулов Т.Т., мутахассиси тиббии ташкилот ба Талабшо оиди иштирок дар барномаи ТҶЁ машварат медиҳад

Бо дастгирии СФШҒ-Тоҷикистон Талабшо аз якчанд ташхисҳо гузашта, мизоҷи барномаи ТҶЁ шуд, табобати бемории силро оғоз намуда, маводҳои профилактикӣ мегирад (рифола, любрикантҳо, маводҳои иттилоотӣ).

*«Барои иштирок дар барномаи ТҶЁ ташкилот ба ман пардохти роҳпулиро кӯмак мерасонад. Ман дар омӯзишҳои кӯтоҳмуддат оиди ҳуқуқҳои нашъамандон иштирок кардам. Ман фаҳмидам, киояндаи ман дар пеш аст. Дар айни ҳол доруҳои ДОТС ва ТҶЁ қабул мекунам. Ман орзуи зиндагии навро оғоз намудан ва дасти ёрӣ дароз кардан ба нафарони ранги худамро дорам»* - суханашро ба охир расонд Талабшо.